**Тақризи**

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Исмоилова Фарзона дар мавзӯи "Матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ (дар мисоли ҳаводиси Миср солҳои 2011-2013)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.10 -Журналистика тавсия мешавад.

Диссертатсияи номзадии Исмоилова Фарзона, ки дар мавзӯи "Матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ (дар мисоли ҳаводиси Миср солҳои 2011-2013)"навишта шудааст, аз мавзӯъҳои мубрами журналистикаи муосир ба шумор рафта, то ҳанӯз мавриди таҳқиқи ҳамаҷонибаи пажӯҳишгарон нагардидааст.

Ҳангоми таълифи диссертатсия фаъолияти хоси муаллиф, аз ҷумла забондонӣ, лаёқати таҳлил ва тавоноии кор бо сарчашмаҳо ва ҳунари расидан ба хулосаҳои саҳеҳу мантиқӣ ба назар мерасад. Баррасии пешинаи таҳлил, муайян кардани ҳадаф ва вазифаҳои пажӯҳиш, усулҳои таҳлилие, ки дар рисола ба кор рафтаанд, инчунин нуктаҳои меҳварие, ки барои дифоъ пешниҳод шудаанд, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки унвонҷӯ аз миёни маводи зиёд метавонад нуктаҳои асосиро ҷудо кунад ва ба моҳияти аслии масъала ба хубӣ сарфаҳм рафта, ба натиҷаҳои дурусти илмӣ бирасад.

Муқоиса, таҳлилу баррасӣ ва нишон додани тағйироти миқдорӣ, сифатӣ, мавзӯӣ ва жанрии маводи нашрияҳои Ҷумҳурии Мисри Араб барои пажӯҳиш дорои аҳамияти хос мебошанд.

Омӯзиш, таҳқиқ ва истифодаи маводи фаровони нашрияҳо ва сомонаҳои интернетӣ имкон додааст, ки муаллиф тафаккури хуби илмӣ ҳосил намояд.

Муҳимияти мавзӯи рисола дар он асоснок карда мешавад, ки то имрӯз дар илми журналистикаи тоҷик ва ҷаҳон инъикоси ҳодисаҳои Ҷумҳурии Мисри Араб дар солҳои 2011- 2013 мавриди пажӯҳиши мукаммал қарор нагирифтааст.

Муаллиф ба сифати сарчашма аз маводи 18 рӯзнома ва 2 маҷаллаи мисрӣ (8 рӯзномаи давлатӣ, 6 рӯзномаи ҳизбӣ ва 4 рӯзномаи хусусӣ) - ро мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Дар рисола маводи васоити ахбори оммаи Русия, ИМА, Тоҷикистон ва ғайра, ки доир ба ҳодисоти Миср нашр шудаанд, истифода гардидаанд.

Ҳамчунин дар ҷараёни таълифи диссертатсия китобу монографияҳои илмии баъзе аз муҳаққиқони муосири журналистикаи араб, рус ва тоҷик барои таҳлилу муқоиса ва тавзеҳу бозгӯии паҳлуҳои гуногуни мавзӯъ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Диссертатсия бо сабки хуби илмӣ иншо шуда, диссертант ба ҳадафҳои пажӯҳиш ноил гаштааст. Моҳияти асосии диссертатсия дар як монография (Исмоилова Ф. Матбуоти Миср ва гуногунрангии жанрии он.-Душанбе, Озар. - 2014.-88 с.) ва ҳаждаҳ мақолаи илмӣ, аз ҷумла, шаш мақола дар маҷаллаи рӯйихати аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардида, ба табъ расидааст.

Мавзӯи таҳқиқот дар конфронсҳои донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ (солҳои 2013-2018) аз ҷумла, Конфронси ҷумҳуриявии илмиву назариявии «Донишгоҳи миллии Тоҷикистон - маркази тайёр намудани мутахассисони соҳибунвон» (17-18 майи соли 2013), Конфронси ҷумҳуриявии «Меъёрҳо ва принсипҳои байналхалқии этикаи касбии журналистӣ ва журналистикаи тоҷик» (22-23 ноябри соли 2013), Конфронси ҷумҳуриявии «Мушкилоти дастрасӣ ба ВЭА» (2014 с.), конференсияҳои илмии «Эъломияи СММ оид ба даҳсолаи байналхалқии наздиксозии фарҳангҳо» (15.04.2013), Конфронси «Масоили танзими журналистикаи сиёсии Тоҷикистони мустақил» (25.07.2013), Конфронси апрелӣ (22.04.2013), Конфронси апрелӣ (20.04.2014), Конфронси апрелӣ (22.04.2015), Конфронси ҷумҳуриявии «Матбуот ва журналистикаи чандрасонаӣ: мушкилот ва дурнамо» (28.11.2015), Конфронси ҷумҳурияви «Нақши расонаҳои хориҷӣ дар фазои иттилоотии Тоҷикистон» (25.11.2016), мизи мудаввари «Нақши расонаҳои хориҷӣ дар фазои иттилоотии Тоҷикистон» (29.11.2017) ва ғайра инъикоси худро ёфтааст.

Исмоилова Фарзона хатмкардаи шуъбаи журналистикаи байналхалқии ДМТ буда, беш аз 5 сол дар радиои “Садои Душанбе” фаъолият карда, аз соли 2015 дар вазифаи ассистенти кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро ба дӯш дорад. Таҷрибаи журналистӣ ва омӯзгорӣ дар донишгоҳи олӣ имкон додааст, ки диссертант дар навиштани рисола аз сарчашмаҳои таҳқиқ самаранок истифода бурда, ба натиҷаи ниҳоӣ бирасад.

Диссертатсияи Исмоилова Фарзона дар мавзӯи “Матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ (дар мисоли ҳаводиси Миср солҳои 2011-2013)” пажӯҳиши илмии анҷомёфта буда, муҳаққиқ ҳамаи вазифаҳои таҳқиқотро ба пуррагӣ ҳал кардааст. Автореферат ва мақолаҳои илмии чопшудаи унвонҷӯ муҳтавои асосии рисоларо инъикос мекунанд. Рисола ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.10 - Журналистика шоиста аст.

Доктори илмҳои филология,
профессори кафедраи
журналистикаи байналхалқии ДМТ Муқимов М. А.

Суроға:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, шаҳраки Буни Ҳисорак, 10
тел: 935017232
E-mail: jovidm@mail.ru

“Тасдиқ мекунам”
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э. Ш.

20.05.19